# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Мансурова Дилрабо Қодирҷоновна дар мавзуи “Шароитҳои педагогии рушди салоҳиятҳои маърифатӣ-эҷодии бачагони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 – Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) пешниҳод гардидааст

Унвонҷӯй Мансурова Дилрабо Қодирҷоновна мавзуеро барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихоб намудааст, ки муҳим ва мубрам буда, шароити муосир, алалхусус рушди босуръати илму технология зарурати соҳиби салоҳиятҳои асосии ҳаётӣ, алалхусус, салоҳиятҳои маърифатӣ-эҷодии бачагони синни калони томактабиро ба миён гузоштааст ва дар ин ҷода дорои тафаккури мантиқиву таҳлилӣ, салоҳияти дарки тағйироти ҳамарӯза баамалоянда ва салоҳиятҳои маърифатӣ-эҷодӣ аз салоҳиятҳои асосии насли наврасу ҷавони муосир дониста мешавад.

Ин масоил ва дигар мушкилоту масъалаҳои муҳиму мураккаби ҷаҳони муосир водор месозанд, ки насли наврас имрӯз дорои маҳорату малакаҳои аз ҷиҳати тафаккур ва эҷод рушдёфта бошанд. Вобаста ба ин, зарур аст, ки мураббиёни муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ сифатҳои касбии хешро мунтазам такмил ва ташаккул дода, дар тарбиятгирандагон тавассути истифодаи роҳу усул ва технологияҳои муосир салоҳиятҳои асосӣ, аз он ҷумла, салоҳиятҳои маърифативу эҷодкориро пайваста ташаккул диҳанд, то ки шогирдон ҳамқадами ҳаёт бошанд ва дар ҷаҳони пуртазоду босуръат рушдкунанда зиндагии хешро сазовор ва бе мушкилӣ пеш бурда тавонанд. Ин тақозои таҳсилоти муосир аст.

Бояд тазаккур дод, аз ин мавқеъ таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯй Мансурова Дилоромро, ки дар он шароитҳои педагогии рушди салоҳиятҳои маърифатӣ-эҷодии бачагони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабии ҷумҳурӣ таҳқиқу баррасӣ шудааст, метавонем хеле муҳим ва саривақтӣ арзёбӣ кунем.

Дар воқеъ, ташаккули фаъолияти маърифатӣ ва эҷодӣ дар сатҳи тарбияи томактабӣ дорои аҳамият ва зарурати махсус аст, ки роҳҳои омӯхтани олами атрофро барои хонандагон муайян мекунад, қобилият ва мустақилияти ҷустуҷӯ, пажуҳиш ва иҷрои маҷмӯи амалҳои гуногун барои

коркарду банизомдарорӣ, ҷамъбасту хулосабарорӣ ва истифода карда тавонистани маълумоти бадастовардаро ташаккул медиҳад.

Дар ин росто, муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ хеле бамавқеъ ва воқеъбинона таъкид кардааст, ки муассисаи таҳсилоти томактабиро лозим меояд, ки барои тарбиятгирандагон шароит ва имконоти мусоид фароҳам оварад, то ки шогирдон ихтироъ кардан ва гузаронидани таҳқиқот, фаҳмидан ва азхуд кардани чизҳои нав, баёни нуқтаи назари худ, ташаккули баёни озод, қабули қарорҳо ва ҷустуҷӯи маълумоти заруриро ёд гиранд ва дар ин ҷода зарур аст, ки мураббиён бо афзори арзёбии муваффақияти бачагон дар азхудкунии ин натиҷаҳо, фароҳам овардани имкони муайян кардани ҷиҳатҳои қавӣ ва заъфи ҳар як кӯдак дар раванди азхудкунии малакаҳои муайян барои эҷоди фазои махсусу инфиродии таълимӣ пайгирона саъйу талош кунанд. Барои ин шароитҳое фароҳам овардан зарур мебошад, то ба кӯдакон имкон диҳад, ки дар раванди таълиму тарбия дар муассисаи таҳсилоти томактабӣ сифатҳои маърифативу эҷодкориии онҳо мунтазам рушд ёбанд. Барои ин мебояд бо дарназардошти технологияҳои инноватсионии илмӣ-педагогӣ низоми нави амалкунанда ва рушдёбандае таҳия намуд, то ки ташаккули салоҳиятҳои асосии кӯдаконро таъмин созад.

Бино бар ин, иқдому ибтикори довталаб дар мавриди ба таври мушаххасу комил мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор додани мавзуи шароитҳои педагогии рушди салоҳиятҳои маърифатӣ-эҷодии бачагони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони муосир басо муассиру ҷавобгӯ ба талаботи замон буда, аз муҳим будани мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии эшон шаҳодат медиҳад.

Бояд қайд кард, ки довталаб бо мақсади баррасии ҳаматарафаи мавзуи таҳқиқот адабиёту осори илмии олимону муҳаққиқони зиёди ватаниву хориҷиро омӯхта, вобаста ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониаш таҳлилу таҳқиқ ва ба таври густурда мавриди истифода қарор додааст. Дар баробари ин, мушикфона онҳоро арзёбӣ карда, андешаву мулоҳизоти хешро озодона ва аз назари интиқодӣ баён кардааст.

Натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот бадастовардаи унвонҷӯй мақсаднокии истифодаи амсила ва шароитҳои педагогии пешниҳоднамудаи маллифи рисоларо дар мавриди ташаккули салоҳиятҳои маърифативу эҷодии бачагони хурдсолро тасдиқ мекунанд.

Бояд зикр кард, ки мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз лиҳози назариявӣ ва амалӣ то ба имрӯз ба қадри кофӣ аз ҷониби олимони соҳаи педагогикаи тоҷик мавриди таҳқиқ қарор нагирифта, вобаста ба ин муҳаққиқ дар ин ҷода кори илмӣ-таҳқиқотии шоёнеро, шогирдона бошад ҳам, ба анҷом расонидааст. Зеро дар шароити имрӯзаи таҳсилоти муосир ташаккули салоҳиятҳои ҳаётӣ муҳим ва масъалаи ҳаётӣ маҳсуб меёбад ва он яке аз муқаррароти асосии Стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 мебошад.

Навгонии илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти Мансурова Дилрабо арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқотро бозгӯ карда, собит месозанд, ки муаллифи диссертатсия дар воқеъ шароитҳои педагогии рушди салоҳиятҳои маърифатӣ-эҷодии бачагони синни калони томактабиро дар муассисаҳои таҳсилоти томактабии кишвар дақиқу мушаххас ошкор ва муайян карда, амсила ташаккули рушди салоҳиятҳои маърифатӣ-эҷодии бачагони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳия ва дар раванди фаъолияти таълимиву тарбиявии муассисаҳои таҳсилоти томактабии озмоишӣ роҳандозӣ ва самарнокии истифодаи онро собит кардааст.

Мутмаинона изҳор кардан мумкин аст, ки амсила ва хулосаву тавсияҳои методии коркард ва пешиҳодкардаи довталаб такмили раванди таълиму тарбияро дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ дар самти ташаккули салоҳиятҳои маърифатӣ-эҷодии бачагони синни калони томактабӣ таъмин хоҳанд кард.

Андешаҳои дар боло иброзшуда арзиши илмию амалии диссертатсияи Мансурова Дилраборо собит сохта, дар иҷрои кори таҳқиқотӣ салоҳиятнокии илмӣ, мустақилият, тафаккури илмӣ доштан ва соҳиби маҳорату малакаи ичрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ будани унвонҷӯйро нишон медиҳанд.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳои методӣ аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шудаанд.

Ба андешаи банда, довталаб ба мақсадҳои таҳқиқот комёб шуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузоштаро ҳаллу фасл кардааст. Автореферати диссертатсия ба талабот ҷавобгӯ буда, муҳтавои мухтасари диссертатсияро ифода мекунад. Мақолаҳои дар нашриёҳои тақризшаванда чопнамудаи муаллифи рисола мазмуни таҳқиқотро пурра инъикос мекунанд.

Хулоса, диссертатсияи Мансурова Дилрабо Қодирҷоновна дар мавзуи "Шароитҳои педагогии рушди салоҳиятҳои маърифатӣ-эҷодии бачагони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба талаботи Низомномаи шурои диссертатсинӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ҷавобгӯй буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 – Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) сазовор мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент,
мудири кафедраи таҳсилоти
томактабӣ ва кори иҷтимоии Донишгоҳи
давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи
Рӯдакӣ Шарипов Бахтовар Файзович

20.08.2024

*Маълумот барои тамос:*
*Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Кӯлоб,*
*кӯчаи С.Сафаров, 16. Тел.(+992) 918284353;*
*E-mail:bahtovar-88@mail.ru*

*Имзои Шарипов Бахтовар Файзовичро тасдиқ мекунам.*

*Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси*
*Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи*
*Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ* *Амиров Ф.А.*